**Такриз**

**ба автореферати диссертатсияи Ахмедов Фаррухзод Ҳасанович дар мавзӯи «Инъикоси таърихи халқи тоҷик дар асарҳои академик Абдулғанӣ Мирзоев», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ (илмҳои таърих) пешниҳод шудааст**

Таҳқиқоти диссертатсионии Ахмедов Ф.Ҳ. ба яке аз масъалаҳои мубрами илми таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқотҳои таърихӣ бахшида шудааст.

Дар таърихи халқи тоҷик бисёр шахсиятҳои барҷаста мавҷуданд, ки бо фаъолияти худ ватандӯстӣ, муҳаббат ба Ватан ва дар ободии Тоҷикистон саҳми назаррас гузоштаанд. Яке аз чунин шахсиятҳои маъруф академики Академияи фанҳои Тоҷикистон Абдулғанӣ Мирзоев, олими маъруф, адабиётшинос, забоншинос, файласуф, фолклоршинос, муаррихи намоён, намояндаи шоистаи зиёиёни тоҷик буд, ки тамоми ҳаёти худро ба хидмати Ватан бахшидааст.

Академик А.Мирзоев яке аз ташкилкунандагон ва фаъолони конгресҳо ва симпозиумҳои байналмилалӣ, ташаббускори робитаҳои адабии Тоҷикистон бо мамлакатҳои хориҷӣ дар даҳаи солҳои ҳафтодуми асри XX ба шумор меравад. Дар тӯли фаъолияти илмии худ академик А.Мирзоев беш аз 400 рисола, мақолаҳои илмиву оммавӣ ва китобҳои дарсӣ эҷод кардааст, ки ин фаъолияти пурмаҳсули илмии академик А.Мирзоев ба як мактаби илмию омӯзишие табдил ёфт, ки аз он бисёр наслҳои олимон баҳра гирифтанд.

Навгонии илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки диссертатсия яке аз кӯшишҳои аввалини омӯзиш ва таҳқиқи маҷмӯавии илмӣ дар самти инъикоси таърихи халқи тоҷик дар асарҳои академик Абдулғанӣ Мирзоев ба шумор меравад.

Аҳамияти илмӣ-амалии натиҷаҳои дар рафти таълими диссертатсия ба дастовардаи муаллиф дар он зоҳир мегардад, ки то кунун осори ба

илми таърих бахшидаи А.Мирзоев мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор нагирифтааст ва аз ҷониби муаллиф нақши олим дар илми таърихнигории тоҷик мушаххас гардидааст.

Натиҷаҳои тадқиқот метавонад зимни таҳияи барномаҳои курси махсус, китобҳои дарсӣ ва гузаронидани конференсияҳои ҷумҳуриявӣ истифода шаванд.

Мундариҷа ва мӯҳтавои автореферат, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, навгонии илмӣ ва аҳамияти илмӣ-амалӣ шинос гардида, сатҳи баланди таҳлил, асоси методологӣ ва назариявии диссертатсия, чаҳорчӯбаи хронологӣ, дурустии мақсад ва вазифаҳои гузошташуда, инчунин сохтори таҳқиқотро эътироф менамоям.

Аз матни автореферати дисертатсия маълум аст, ки муаллиф зиёд кӯшиш намудааст, то манфиатҳои миллӣ ва давлатиро дифоъ намояд - ин дар шароити муосир шарти ҳатмии худшиносии миллӣ мебошад.

Ахмедов Фаррухзод Ҳасанович ба мавзӯи мубрами илми таърихнигории таърихи халқи тоҷик оиди инъикоси таърихи халқи тоҷик дар асарҳои академик А.Мирзоев пешниҳод намудааст, ки муқаррароти асосии он дар автореферати диссертатсия инъикоси худро ёфтааст.

Автореферати мазкур ба забони возеҳи илмӣ навишта шуда, аз ҷиҳати имлоӣ ва услубӣ низ дуруст ва ба талабот ҷавобгӯ мебошад.

Дар автореферати диссертатсия камбудиҳо ба назар намерасанд. Дар маҷмуъ кори таҳқиқотӣ дар сатҳи баланди илмӣ қарор дошта забони гузориш хело ҳам фаҳмо ва равшан аст, ки аз савияи хуби дониш ва маҳорати илмии муаллиф гувоҳӣ медиҳад.

Ҳамин тариқ, автореферат ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тибқи бандҳои 10, 11, 12-и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Ахмедов Фаррухзод Ҳасанович бошад, сазовори

дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ (илмҳои таърих) мебошад.

**Муқарриз, мудири кафедраи таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва бостоншиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон н.и.т., дотсент** **Ҳоҷаев М.П.**

E-mail: Mehrovar_kh@mail.ru
Тел.:+(992) 918471167
Суроға: Хиёбони Рӯдакӣ 17, Душанбе 734025
Тел: (372) 21 7711
E-mail: **info@tnu.tj**

Имзои ҲоҷаевМ.П.-ро тасдиқ мекунам Сардори РК ва КМ –и ДМТ Тавкиев Э.Ш.

30-04. 021